«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
_______________
«___» __________ соли 2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Шарифзода Лутфулло Абдулло** соли 2016 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2017 то 2020 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Лутфулло Шарифзода доктори илми филология, профессор **Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи ДМТ аз 04.05.2017, қарори №9 тасдиқ шудааст.

Диссертант Шарифзода Лутфулло Абдулло имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «аъло» (03 июли соли 2017), таърих ва фалсафаи илм бо баҳои «хуб» (28 марти соли 2018) ва аз рӯйи ихтисос – адабиёти тоҷик бо баҳои «аъло» (26 феврали соли 2022) маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Нома ва номанигорӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ, илмӣ, адабӣ ва фарҳангии

бунёдгузори адабиёт ва тамаддуни навини тоҷик устод Садриддин Айнӣ мавқеи марказӣ ва густардае дошта, фарогири мавзуъ, масъала ва муаммоҳои умдае мебошанд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, адабӣ ва мадании миллати тоҷик дар нимаи аввали садаи XX – замони дигаргуниҳои азим ва тағйироту таҳаввулоти куллии дар ҳаёти тоҷикон ба вуқуъ омада, аҳаммияти бузург ва нақши калидӣ бозидаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи густардаи чунин падидаҳои адабиро яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маънидод намудан мумкин аст. Дар диссертатсияи аспирант Лутфулло Шарифзода баррасии номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода ва муайян намудани арзишҳои илмӣ, адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии мукотибаи онҳо аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ арзёбӣ шудааст.

Воқеан, муҳтавои номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки ин ду адиб бо тақозои замон ва ифодаи матлаб бо ҳама қишрҳои ҷомеа ва намояндагони касбу кори гуногун – аҳли илму адаб, ходимони давлатию сиёсӣ, мақомоти ҳарбию ҳифзи ҳуқуқ, оммаи меҳнаткашон ва зиёиёну толибилмон дар робитаи доимӣ қарор доштаанд. Аз ин рӯ, аз ҷониби Лутфулло Шарифзода дар шакли диссертатсия таҳқиқ гардидани мукотибаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода, равшан намудани арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳо яке аз масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани мукотибаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода, равшан намудани арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳоро мақсади аслии таҳқиқот қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ **чунин вазифаҳо** гузоштааст:

– ҷамъоварӣ ва таҳқиқи номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода;

– баррасии номаҳо ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар миёни осори арзишманди адабӣ, илмӣ-таҳқиқотии устод Айнӣ ва М. Турсунзода;

– мурури мухтасаре ба равобити дӯстӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва М. Турсунзода;

– таҳқиқи баҳрабардорӣ ва таъсирпазирии М. Турсунзода аз ҳидоятҳои С. Айнӣ;

– таваҷҷуҳ ба баҳс дар атрофи масъалаҳои адабиётшиносӣ, ки дар мукотибаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода баён шудаанд. Инчунин, муайян намудани ҷойгоҳи андешаҳои адибон дар бораи асарҳои якдигар;

– омӯзиш ва тадқиқи симоҳои хурду бузурги адабиёти нимаи дувуми асри Х1Х дар заминаи номаҳои С. Айнӣ ва муаррифии онҳо барои насли замони шуравӣ;

– таъини масъалаҳои сиёсии тақсими мероси гузаштагон ва муборизаҳои ҷоннисоронаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода дар замони шуравӣ;

– таҳқиқи баҳсу мунозираҳои муқарризони «Ёддоштҳо» ва ҷавоби муаллиф ба онҳо;

– омӯзиши масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик ва таъкидҳои саривақтии С. Айнӣ ба М. Турсунзода;

– баррасии вазни шеъри тоҷикӣ, масъалаҳои шеъри нав ва ҷойгоҳи андешаҳои устод Айнӣ оид ба ин масъалаҳо;

– баррасии номаҳо ҳамчун сарчашмаи муътамад ва муайян намудани арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода дар адабиётшиносӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** номаҳои С. Айнӣ ба М. Турсунзода, ки дар маҷаллаҳои «Шарқи сурх», «Илм ва ҳаёт», рӯзномаи «Ҷумҳурият ва матбуоти даврии дигар, маҷмуаи «Мунтахаби асарҳои илмӣ»-и С. Айнӣ (Ҷилди аввал, 2008), қисми якум ва дувуми «Ёддоштҳо», маводи оид ба «Ёддоштҳо», ки дар рӯзнома ва маҷаллаҳои замони нависанда чопшуда, номаҳои М. Турсунзода ба С. Айнӣ, ки дар Бойгонии Осорхонаи адабии Садриддини Айнӣ маҳфузанд ва номаю телеграммаҳои С. Айнӣ, ки дар Бойгонии Осорхонаи адабӣ-ёдгории М. Турсунзода нигоҳдорӣ мешаванд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин, диссертант дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқӣ рабтдошта аз асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, осори таҳқиқотии марбут ба

нома ва номанигорӣ, нигоштаҳои ҷашнии М. Турсунзода, ки ба рӯзгор ва осори устод Айнӣ бахшида шудааст, осори бадеии ӯ, номаҳои дигари устод Айнӣ ва М. Турсунзода ҳадафмандона истифода намудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Ҳошим, Х. Шарифзода, Р. Мусулмониён, А. Маҳмадаминов, Х. Асозода, А. Кӯчарзода, Н. Салимӣ, А. Набавӣ, М. Нарзиқул ва муҳаққиқони эронӣ чун П. Хонларӣ, Тақии Ваҳидиёни Комёр ва русу аврупоӣ, ба монанди В. Г. Белинский, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, И. Бечка, А. А. Акишина, Н. И. Формановская, В. А. Истрин ва дигарон ташкил медиҳанд. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои таърихӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ истифода намуда, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя кардааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода мeёбад, ки диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти мукаммалу муфассал доир ба аҳаммияти илмӣ ва адабии номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода маҳсуб мeёбад.

Дастоварди Лутфулло Шарифзода дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода, хусусан дар омӯзиши адабиёти эпистолярии муосири тоҷикӣ, ки номаҳои устод Айнӣ аз ҷумлаи намунаҳои барҷаста маҳсуб мeёбанд, назаррас мебошад.

Диссертатсияи номзадии Лутфулло Шарифзода аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир мeёбад, ки **маводи дар ин таҳқиқот фароҳамомада ва хулосаҳои он** дар омӯхтани таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва баррасии номанигории тоҷикӣ дар асри XX барои адабиётшиносон ва дигар мутахассисони адабиёту фарҳанги тоҷик метавонад ҳамчун маводи илмӣ ёрӣ расонад. Маводи назарии диссертатсия, тавсияҳо ва хулосаҳои диссертант ҳамчунин ҷанбаҳои назарии омӯзиши адабиёти эпистолярии тоҷикиро дар адабиёти давраи нав тақвият бахшида метавонад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Лутфулло Шарифзода дар он зоҳир меёбад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқ ҷойи холие, ки дар ҷодаи айнишиносӣ дар пажӯҳиши масъалаҳои норавшани рӯзгор ва осори С. Айнӣ ва маърифати осори бадеии ӯ вуҷуд дорад, пурра намуда, арзишҳои илмию адабии номаро ҳамчун жанри насри адабии ҳунарӣ дар эҷодиёти ду санъаткори бузурги тоҷик равшан менамояд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Лутфулло Шарифзода дар 21 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:


[1-М]. Шарифзода, Л. А. Шеъри нав аз назари устод Айнӣ / А.С. Маҳмадаминов, Л.А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С. 158-165 (Ҳаммуаллиф).

[2-М]. Шарифзода, Л. А. Мубоҳисаҳои илмию адабӣ дар номаҳои С. Айнӣ (Дар мисоли мукотибаи С. Айнӣ бо М. Турсунзода) / А. С. Маҳмадаминов, Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №1. – С. 139-147 (Ҳаммуаллиф).

[3-М]. Шарифзода, Л. А. Мулоҳизаҳои илмию адабӣ дар номаҳои С. Айнӣ (Дар асоси мактубҳо ба М. Турсунзода) / А. С. Маҳмадаминов, Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 132-137 (Ҳаммуаллиф).

[4-М]. Шарифзода, Л. А. Мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба «Ёддоштҳо» ҳамчун сарчашмаи сабақомӯзии адибони ҷавон / А. С. Маҳмадаминов, Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 129-134 (Ҳаммуаллиф).

[5-М]. Шарифзода, Л. А. «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ аз назари М. Турсунзода / А. С. Маҳмадаминов, Л. А. Шарифзода // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. – №5. – С. 147-152 (Ҳаммуаллиф).

[6-М]. Шарифзода, Л. А. «Ёддоштҳо» ва тадқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик / А. С. Маҳмадаминов, Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – С. 140-146 (Ҳаммуаллиф).

[7-М]. Шарифзода, Л. А. Рӯзгор ва осори С. Айнӣ дар мукотибот ба М. Турсунзода / Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 198-205.

[8-М]. Шарифзода, Л. А. Инъикоси адабу фарҳанги миллӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 7. – С. 198-204.

[9-М]. Шарифзода, Л. А. Таҷдиди назар ба баъзе образҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 258-263.

[10-М]. Шарифзода, Л. А. Баҳсу мунозираҳо оид ба «Ёддоштҳо» ва ҷавоби С. Айнӣ ба онҳо (Дар асоси мукотибаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода) / Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 (87). – С. 208-218.

[11-М]. Шарифзода, Л. А. Масъалаи омӯзиши мероси адабӣ ва таъин кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси классикон (Дар асоси мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик) / А. С. Маҳмадаминов, Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 7. – С. 230-240 (Ҳаммуаллиф).

[12-М]. Шарифзода, Л. А. Шинохти осор ва шахсияти Садриддин Айнӣ аз нигоҳи М. Турсунзода / Л. А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 309-314.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Шарифзода Лутфулло Абдуллоро** дар мавзуи **«Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва

муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 9, аз 01.03. 2022.

**Номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Нурқаев Қ. М.**

**Котиби илмӣ, номзади илми**
**филология** **Бобомаллаев И. Ҷ.**

**«Тасдиқ мекунам»:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**
**«11» марти соли 2022**